«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
_______________ Сафарзода М.В.
«__11__» __________ 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи номзадии Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат дар мавзуи «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат зери унвони «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ 10 ноябри соли 2025 дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои додани тақриз чун муассисаи пешбар баррасӣ гардид.

Дар муҳокимаи диссертатсия доктори илмҳои таърих, профессор, М.Х. Абдуллоев, номзади илмҳои таърих, дотсентон Суфиев С.Н, Азамов Х.С., Сафаров Х.Х., Файзов Н.Н. доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси таърих, дотсент Холмуродзода М.Б., доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси таърих, муаллими калон Ватанзода Ш.В. муаллимони калон Иброҳимзода З.И., Собирзода С.Р., Шамсияи Т., Алимов Қ., Ҳусейни Б., Орифов О.Ҷ. ва унвонҷӯёну докторантони PhD ширкат карданд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи мусбати худ, ки онро номзади илмҳои таърих, дотсент Сафаров Холмад Хоркашович таҳия кардааст, зикр мекунад, ки дар интихоби мавзуи таҳқиқоти номзадӣ тардиде вуҷуд надорад ва диссертатсияи Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат ба инъикоси масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд, ки дар замони худ аз масъалаҳои мубрами халқи тоҷик маҳсуб мешуданд, бахшида шудааст.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба **шиносномаи** ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое,

ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқро асоснок намудааст. Таъкид мегардад, ки дар сарчашмаҳои таърихии асримиёнагӣ дар омӯзиши ин ё он давраи таърихӣ ин асар яке аз манбаъҳои муҳимми таърихӣ маҳсуб меёбад. Бешубҳа, имрӯз бо дастрас гардидани осори хаттӣ, имконият фароҳам омадааст, ки бисёр паҳлуҳои норавшани таърихи халқи тоҷик аз ҷониби муҳаққиқон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шавад. Дар ин сарчашмаҳо оид ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV маълумотҳои арзишманде мавҷуданд, ки мутахассисони соҳа ба он дастрасӣ доранд. Ҳамзамон, иттилоъ бояд дод, ки на ҳамаи ин манбаъ ва сарчашмаҳои асримиёнагӣ то кунун мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи муҳаққиқон қарор гирифтаанд.

Сарфи назар аз он ки ин манбаъ ва сарчашмаҳои таърихӣ, аз тарафи муаррихони дарборӣ, ё худ бо тавсияи ҳокимон вақт навишта шуда бошанд ҳам, дар онҳо доир ба масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ маълумоти зиёде пайдо кардан мумкин аст. Одатан чунин асарҳо, бо дастур ва ё супориши ҳокиме дар таърифу тавсифи ӯ навишта мешаванд. Дар дохили ин асарҳо роҷеъ ба вазъи сиёсӣ, мунокишаҳои байни давлатҳо, намудҳои андоз, ситонидани андозҳои ғайриқонунӣ, исёну шӯбҳо, зулму истибдоди ҳокимон нисбат ба мардуми одӣ, вайрону валангор кардани шаҳру деҳот ва ғайраҳо маълумоти нодир ироа шудааст.

Яке аз чунин асарҳои таърихӣ «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд мебошад, ки аз маъхазҳои арзишманди давраи ҳукумати хонадони Темуриён дар Мовароуннаҳру Хуросон ба ҳисоб меравад. Азбаски муаллиф дар аксари рӯйдоду кашмакашиҳои ин хонадон бевосита иштирок дошта, мушоҳидаҳояшро дар рисолаи худ «Равзату-с-сафо» тасвир намудааст, асари мазкур роҷеъ ба зимомдории хонадони Темуриён дар Мовароуннаҳру Хуросон ахбори дақиқеро пешниҳод менамояд. Хусусан оид ба авзои сиёсии минтақа дар аҳди охирин намояндагони хонадони муғулҳо, зиддият ва ихтилофоти онҳо барои соҳиб шудан ба мулкҳои аздастрафта, талаву тороҷи бераҳмонаи аҳолии маҳаллӣ аз тарафи хонҳои муғул барои пажӯҳишгарон ахбори муфид фароҳам меорад. Ба ҳамин хотир «Равзат-ус-сафо» барои омӯзишу пажӯҳиши давраи мазкур яке аз сарчашмаҳои муҳим маҳсуб мешавад.

Дар ин асар масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва XV таърихӣ инъикоси худро ёфтаанд.

Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсия ҳамчун як самти наву муҳимми таҳқиқи таърихӣ, махсусан дар оид ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва

фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV, дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат дар мавзуи «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд» як кори илмии муҳим ва саривақтӣ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми таърихнигор бахшида шудааст. Дар ин тақриз, дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар қисмати гузоришҳои илмӣ муаллиф, Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат, тавонистааст масъалаи таҳқиқшавандаро дар заминаи адабиёти мавҷудаи илмӣ, таҳқиқоти қаблӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ ба таври мушаххас муаррифӣ намояд. Муаллиф бо истифода аз методологияи таҳқиқоти таърихӣ вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-ро бо такя ба асари «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд нишон додааст.

Муаллиф барои тасдиқи андешаҳои дар «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд роҷеъ ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV оварда шуда, доираи васеи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳоро истифода намудааст. Гузоришҳои овардашуда бо далелҳо ва иқтибосҳо аз манбаъҳои муътамад тасдиқ шудаанд, ки ин ба эътимоднокии онҳо мусоидат мекунад.

Хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда ба натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот асос ёфтаанд. Хулосаҳо ба таври мантиқӣ аз натиҷаҳои таҳлили маълумотҳои ҷамъовардашуда бармеоянд. Муаллиф тавонистааст, вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд инъикосшударо нишон дода, сабабу натиҷаҳои чунин шакл гирифтани он шароитро шарҳ бидиҳад. Хулосаҳо мушаххас ва ба мақсаду вазифаҳои дар ибтидои таҳқиқот гузошташуда ҷавобгӯ мебошанд.

Муаллиф дар бахши пешниҳодҳо пас аз итмоми таҳқиқот якчанд пешниҳои мушаххас ҷиҳати истифодаи амалии онҳо ироа намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таҳияи асарҳо оид ба таърихи халқи тоҷик, маърузаҳо барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин зимни тарбияи ватандӯстии наслҳои наврасу ҷавон мавриди истифода қарор дод.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат кори илмии баитмомрасида ва саривақтӣ буда, дар он гузоришҳои илмӣ асоснок ва хулосаҳо ба натиҷаҳои бадастомада мувофиқ мебошанд. Ин рисола дар сатҳи баланди илмӣ таҳия карда шудааст. Диссертатсияи мазкур сазовори

таваҷҷуҳ буда, метавонад ҳамчун сарчашмаи муҳим барои таҳқиқи минбаъда дар ин самт хизмат намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастовардашуда.** Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар улуми таърихнигории ватанӣ вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV бо такя ба асари «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд ва доираи васеи адабиёту сарчашмаҳои муътамад мавриди пажӯҳиш ва баррасии таърихӣ қарор дода шудааст. Натиҷаи омӯзишу пажӯҳиш, таснифот ва баррасии мавзуи мазкур дар рушду ташаккули илми таърихнигорӣ таъсири назаррас мерасонад.

**Саҳеҳии натиҷаҳо** ба муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд аз ҷониби олимони соҳаҳои таърих, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ дар ҷараёни фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии онҳо инчунин таҳияи диссертатсия, монография ва асарҳои илмӣ оид ба таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз дурустӣ ва асоснокии хулосаҳо, инчунин иистифодаи мақсадноки усулҳои таҳлил, аз ҷумла усулҳои мантиқӣ, таърихият, айният, бетарафӣ, таърихӣ–муқоисавӣ, татбиқӣ, системавӣ ва таҳлилҳои оморӣ дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ бармеояд. Истифодаи воқеъбинонаи маълумоти оморӣ ва таҳлили дақиқи объекту мавзуи таҳқиқот низ ба эътимоднокии натиҷаҳо замина гузоштаанд.

Асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои овардашуда, инчунин сатҳи баланди илмии онҳо гувоҳи онанд, ки муаллиф аз осори муҳимми олимони шинохтаи соҳаи таърих эҷодкорона истифода бурдааст. Хулоса ва тавсияҳои илмии таҳқиқот, ки дар заминаи таҳлилҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шудаанд, барои татбиқи амалии натиҷаҳо заминаи устувор фароҳам оварда, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ.** Саҳми шахсии унвонҷӯ - Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат дар интихоби мавзуъ, муайян кардани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, пажӯҳиш, таҳлил, баррасӣ ва бадаст овардани натиҷаҳои илмӣ инъикос меёбад. Тамоми натиҷаҳои бадастомадаи илмӣ натиҷаи пажӯҳиш, омӯзиш ва баррасии мустақилонаи мавзуи мазкур аз таърифи муаллифи диссертатсия мебошанд. Натиҷаҳои

бадастомада аз дараҷаи баланди дониш ва қобилияти таҳлилӣ доштан муаллифи диссертатсия дарак медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Баррасии диссертатсия нишон дод, ки аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқ 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд. Интишороти муаллиф нуктаҳои асосии таҳқиқи мазкурро дар бар мегирад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Диссертатсияи Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат зери унвони «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ кори илмии баитмомрасида маҳсуб ёфта, мутобиқ ба бандҳои дахлдори КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба расмият даровprada шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, матни он дар барномаи компютерии Times New Roman Tj ҳуруфчинӣ шуда, 177 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи сарчашмавии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаби таҳқиқ, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия «Маълумот дар бораи Муҳаммад ибни Ховандшоҳ ибни Маҳмуд маъруф ба Мирхонд ва рисолаи ӯ «Равзат-ус-сафо фӣ сирати-л-анбиё ва-л-мулук ва-л-хулафо»»** унвон дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал «**Зиндагиномаи Мирхонд**» доир ба ҳаёт ва фаъолияти Мирхонд маълумот дода мешавад. Муаллифи рисола зикр менамояд, ки сарчашмаҳои таърихӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки Мирхонд дар овони ҷавонӣ майлу рағбат ва таваҷҷуҳи бештар ба омӯзиши илмҳои таърих доштааст. Тавре муаррих қайд мекунад: «Муҳаммад ибни Ховандшоҳ…дар баҳори олами ҷавонӣ ва авосити айёми зиндагонӣ, ки беҳтарин авқот ва хуштарин овони ҳаёт аст, хотири фотир ва замири касир ба мутолааи кутуби таворих, ки сабаби вуқуф аст, бар авзои аҳли олам ва муҷиби иттилоъ бар кайфияти сулуки тавоифи умам, моилу машғуф мебуд». Зимнан бояд ёдовар шуд, ки аз овони кӯдакии Мирхонд иттилооте дар даст нест, ба ҷуз аз он ки худи муаллиф иттилоъ медиҳад, ки соли 1448 дар яке аз ҷангҳои байни Алоуддавла ва Улуғбек иштирокчии бевосита буд. Мирхонд

ба хурдсолии худ нигоҳ накарда ба падараш таъкид карда будааст, ки амволи бисёр нагирад, зеро ки моҳ дар ҳолати камшавист.

Умуман, гуфтан ба маврид аст, ки оид ба ҳаёт ва фаъолияти Мирхонд танҳо аз навиштаҷотҳои худи муаллиф ва ҳамзамононаш маълумоте пайдо кардан мумкин асту халос. Гуфтан ҷоиз аст, ки ӯ воқеан яке аз симоҳои барҷастаи илму фарҳанги Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XV ба ҳисоб меравад. Асари таърихии ӯ роҷеъ ба бисёр паҳлуҳои норавшанӣ ин давраи таърихӣ равшанӣ андохтааст.

Зербоби дуюми боби аввал- **«Сохтор ва тавзеҳи мухтасари бобҳои «Равзат-ус-сафо»** унвон гирифтааст.Муаллифи диссертатсия он рисоларо аз рӯйи мазмун шартан ба 22 боб ҷудо намудааст.

Диссертатнт дар зербоби мазкур оид ба бобҳои 1-5, 6-8, 9-12, 13-18, 19-22-и «Равзат-ус-сафо», ки тамоми ҳодисаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва аввалҳои асри XV-ро бо ҷузъиёт, сабабҳои сар задани воқеаҳо дар бар гирифтааст, маълумот додааст. Аз ҷумла, дар зикри ҳодисаи ҳисори Бадробод, ки Темурланг барои тасхири он ба он ҷо рафта буд, чунин мефармояд: «Лашкариён ҳисори Бадрободро муҳосара намуданд ва ҳисорро нақб зада, деворе азим бияфтод…(ва баъд аз оне, ки ҳисор мутасарриф шуд), ду ҳазор кас(ро) аз қалъа берун оварда, бар болои якдигар ниҳоданд ва ба гилу хишт устувор намуда, манора сохтанд, то эътибори дигар саркашону мутамарридон бошад. Билҷумла…, харобиву вайроние дар Хуросон воқеъ гардид, ба таҳсис дар Ҳироту Сабзавор. Ва раоёи бечора дар зери ҷӯбу шиканҷа ҳалок шуданд. Ва касрати мурдагон ба ҷое расид, ки зиндагонро маҷоли таҷҳизу такфин намонд ва мусулмонон аз автони худ ҷило намуда, ба қурбати ғурбат мубтало гардиданд ва аз айёлу атфол ҷудо монданд».

Ҳамин тариқ, унвонҷӯ зимни таҳлили бобҳои «Равзат-ус-сафо» нишон медиҳад, ки Мирхонд дар бораи вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва аввоили асри XV дар асари худ маълумот додааст.

Боби дуюми рисола **«Бозтоби вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»** унвон дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал бо номи **«Парокандагии сиёсӣ дар Мовароуннаҳри солҳои 40-70-уми асри XIV»** муаллиф вазъи онрӯзаи Мовароуннаҳрро мухтасаран чунин тасвир кардааст: «Баъд аз кушта шудани амир Қазағани Чағатойӣ (1358) писараш амирзода Абдуллоҳ феълан хукмрони Мовароуннаҳр шуд, вале охири аз ҷониби амир Баён Сулдуз ба қатл расид ва ноороми азим дар минтақа ба вуқуъ омад. Бино ба ахбори сарчашмаҳои таърихӣ хони муғул, амир Қазаған зимистонро дар мавзеи Солисарой (Панҷи имрӯза Ҳ.Ҳ.) паси сар мекард. Дар фасли баҳор дар Қаронур, тобистону тирамоҳ бошад, дар шаҳри Мунк (Ховалинги имрӯз Ҳ.Ҳ.)

сукунат ихтиёр мекард. Тибқи манобеи таърихӣ Қазаған бештари вақти худро ба шикор мегузаронид. Шикоргоҳи ӯ бештар тӯғаю ҷангалҳои Арҳанг дар он тарафи рӯди Омӯ буд».

Тавре аз таҳлилҳои унвонҷӯ маълум гардид, аҷнабиёни муғул пас аз саъйю талош ва ҷонбозиҳои сарбадорони Самарқанд мағлуб шуда, тарки қаламрави Мовароуннаҳр карданд. Аммо амир Темур бо амир Ҳусайн иттиҳод баста бо найранг вориди шаҳри Самарқанд шуда, сардорони шуришро ба қатл мерасонад. Пас аз чанде бошад, миёни амир Ҳусайн ва амин Темур мунокиша барои ба даст овардани ҳокимият шуруъ мешавад, ки дар натиҷа амир Ҳусайн аз тарафи амир Темур ба таври хиёнаткорона ба қатл расонда мешавад. Дере нагузашта амир Темур барои боз ҳам устувор сохтани давлати худ ва соҳиби молу мулки бештар шудан ба қаламрави Хоразму Ҳирот ҳамла мекунад. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки ин амалиётҳои ғоратгаронаи Темур на танҳо боиси вайрону валангор гардидани шаҳру деҳот, балки ба таври хеле бераҳмона кушта шудани теъдоди хеле зиёди одамони бегуноҳ низ мегардад.

Ҳамин тариқ, Мирхонд дар асари хеш «Равзат-ус-сафо» роҷеъ ба авзои сиёсии Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XIV маълумоти ҷолибе додааст. Бояд иброз дошт, ки дар муқоиса бо дигар манбаъҳои таърихӣ ва таҳқиқотҳои илмии мавҷуда ахбори овардаи Мирхонд ба воқеияти таърихӣ наздикӣ дорад. Азбаски Мирхонд муаррихи дарборӣ ба ҳисоб мерафт, хоҳ-нохоҳ дар бисёр ҳолатҳо аз баёни ошкорои ваҳшониятҳои ин хонадон худдорӣ кардааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм бо номи **«Вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XV»** вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хурсон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, бо такя ба манобеи таърихӣ ҷиноятҳои содиркардаи Улуғбек дар ин қаламрав таъкид карда мешаванд. Бояд гуфт, ки Улуғбек дар кори худ бештар ба қонунҳои Чингизӣ такя мекард. Ба қонунҳои дини ислом ҳеҷ рағбате надошт. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки Улуғбек хеле ҷавон ба сари қудрат омада буд, аз ин рӯ, зимоми давлатдорӣ дар дасти Шоҳрух буд. Муаллиф дар фасли алоҳида зери унвони «Зикри муҳорибаи мирзо Улуғбеки Курагонӣ бо подшоҳзода Бурок-уғлон ва таваҷҷуҳи лашкарҳои Мовароуннаҳр ва Сағноқ» лашкаркашии нобарори Улуғбекро хеле хуб шарҳу эзоҳ додааст.

Бояд гуфт, ки воқеан муаррих Мирхонд дар асари худ тавонистааст, ба бисёр паҳлуҳои норавшани ин давраи таърихӣ, хусусан бо ба сари қудрат омадани Халил султон, Улуғбек ва муборизаҳои онҳоро барои кишвари Мовароуннаҳр возеҳу равшан ифода намояд.

Зербоби сеюми боби дуюм **«Давлати Темуриён дар Хуросон»** номгузорӣ шуда, дар он муаллиф бо такя ба манобеи асримиёнагӣ ишора мекунад, ки вазъи сиёсии Хуросон то ба сари қудрат омадани амин Темур

то андозае муътадил буд. Саъйю талошҳои пайвастаи аҷнабиёни муғул барои ба даст овардани ҳокимияти Хуросон ва аз байн бурдани ҳокимони оли Курт бе натиҷа буд. Баъди ба сари қудар омадани Темур дар Мовароуннаҳр ва ғасби Хуросон, Темур як чанд маротиб саъйю талош кард, ки ҳокимияти Хуросонро бо роҳи осоишта ба даст биёрад, аммо ӯ ба ин муваффақ нагардид.

Ҳамин тавр, дар асари «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд рафти лашкаркашиҳои Темур ба Хуросон, вазъи сиёсии Хуросон дар арафаи ҳуҷуми Темур, задухӯрдҳои шадиди аҳолии Ҳирот бо Темур, махсусан кушта шудани намояндагони Темуриён дар Ҳирот аз ҷониби Муҳаммади Ғурӣ, ба таври хеле муфассал тасвир ёфтааст. Ҳамзамон, Мирхонд роҷеъ ба кушторҳо, қатли ом, бунёди калламанораҳо, талаву тороҷ кардани аҳолии осоишта, вайрону валангор шудани Хуросон низ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Боби сеюми рисола **«Авзои иҷтимоӣ ва фарҳангии Хуросони Бузург дар асри XV бар мабнои ахбори «Равзат-ус-сафо»** унвон дошта аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби сеюм **«Вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ»** муаллиф таъкид мекунад, ки тохтутозҳои пайдарпайи дохилӣ ва хориҷӣ ба ҳаёти иҷтимоии мамлакат зарбаи сахт расонда, аҳволи оммаи мардуми меҳнатӣ ва илму адабро ниҳоят бад кард. Гуруснагӣ ва қаҳтӣ саросари Мовароуннаҳру Хуросонро фаро гирифт, ки ҳатто ба қавли муаллифи «Равзат-ус-сафо» ҳодисаҳои тарк кардани мардум Хуросонро дар ин давр пеш омада будааст. Пас аз марги Бобурмирзо дар дохили мамлакат вазъият боз ҳам вазнинтар гардидааст.

Ҳамин тариқ, тавре Мирхонд иттило медиҳад, дар аҳди Темуриён авзои иҷтимоӣ ва иқтисодии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV хело даҳшатбор буд. Тибқи иттилои муаллиф, дар натиҷаи ҷангҳои пай дар пай, вайрону валангор кардани шаҳру деҳот, корношоям гардидани заминҳои кишт, пайдоиши касалиҳои сироятӣ, ситонидани андозҳои такрорӣ аз мардум боису хонабардӯш гардидани аҳолӣ дар минтақа гардид.

Дар зербоби дуюми боби сеюм бо номи **«Ҳаёти фарҳангӣ»** муаллиф роҷеъ ба вазъи фарҳангии давраи таҳқиқшаванда маълумот додааст. Бояд иброз дошт, ки асару мақолаҳои зиёде аз ҷониби муаррихон ва адабиётшиносон дар ин робита таҳия ва ба нашр расидааст. Мирхонд низ дар асари худ «Равзат-ус-сафо» ба бисёр паҳлуҳои илмию адабии ин давраи таърихӣ равшанӣ андохтааст. Як ҷиҳати хосси асари Мирхонд аз он иборат аст, ки муаллиф на танҳо дар хусуси муаррихону шоирони аҳди худ ва ҳаёти адабию илмӣ-мадании давраи онҳо, балки роҷеъ ба касбу кори онҳо дар замони Мирхонд, инчунин дар бораи эҷодиёти муаррихони пешин низ маълумоти ҷолибе медиҳад.

Ҳамин тавр, дар «Равзат-ус-сафо» Мирхонд роҷеъ ба вазъи илму адабиёти нимаи дуюми асри XIV ва асри XV, осори муҳаққиқону адабиётшиносон, хаттотӣ, санъати меъморӣ, наққошиву кошикорӣ, мадраса, мадрасаҳои Ҷомӣ, Хоҷа Исмоили Ҳисорӣ, Работи Сари Хиёбон, намояндагони аҳли ҳунар ва адабиёт маълумот додааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат менамояд. Диссертатсияи Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат ҳамчун кори илмии баанҷомрасида маҳсуб ёфта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад. Кори таҳқиқотӣ бо меъёрҳои забони давлатӣ таълиф шуда, ороиши диссертатсия тағийротро талаб намекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат менамояд.

**Эродхо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар диссертатсия масъалаҳои методологӣ, аз ҷумла усули муқоисаи матнӣ ва арзёбии манбаъшиносӣ камтар тавзеҳ ёфта аст, дар ҳоле ки ин паҳлуҳо барои таҳқиқи асари Мирхонд муҳим мебошад;
2. Дар баъзе ҷойҳои зербоби якуми боби якум «Зиндагиномаи Мирхонд» диссертант дар тавзеҳи мазмун ва муҳтавои сарчашмаҳои асосӣ диққат надода, баъзе сарчашмаҳоро ишоравор зикр кардааст;
3. Дар диссертатсия вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV бо дигар сарчашмаҳо муқоиса нагардидааст;
4. Дар диссертатсия камбудиҳои ночизи техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ ва осонислоҳ буда, арзиши аслии таҳқиқи диссертатсияро кам намекунанд. Баръакс, таҳқиқоти гузаронидашуда дорои аҳаммияти назаррас мебошад ва ба рушди илми таърих мусоидат мекунад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09-

Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назаррасии илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат зери унвони «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (протоколи № 4 аз 10 ноябри 2025) баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар натиҷаи овоздиҳӣ аз - 14 нафар иштирокчиён: тарафдор - 14 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа,** номзади илмҳои таърих, дотсент
мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Суфиев С.Н.

**Ташхисгар,** номзади илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Сафаров Х.Х.

**Котиби ҷаласа,** доктори фалсафа (PhD), доктор
аз рӯйи ихтисоси таърих, муаллими калони
кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Ватанзода Ш.В.

**Суроғаи расмӣ:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16
Тел.: (+83322) 2-35-06; Почтаи электронӣ: inafo@kgu.tj.

Имзоҳои Суфиев С.Н., Сафаров Х.Х. ва Ватанзода Ш.В.–ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Давлатов М.А.

«11» ноябри 2025